## ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич дар мавзӯи "«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)»-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методи таҳқиқоти таърихӣ. Душанбе, 2021**

Рисолаи унвонҷӯ Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич ба яке аз сарчашмаҳои нодири ибтидои асри XV сафарномаи сафири испанӣ Руи Гонсалес де Клавихо – "«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» бахшида шудааст.

Мавзӯи таҳқиқотии Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич бешак мубрам буда, дар заминаи сарчашмаҳои мӯътамад ва таҳлили адабиёти илмии марбут ба мавзӯъ таҳлил гардидааст.

Дуруст аст, ки доираи мавзуоти фарогирифтаи сафарномаи Клавихо "«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» хеле фаррох аст, аммо пеш аз ҳама он барои омӯхтани таърихи халқи тоҷик ва ҳудуди таърихии сукунати тоҷикон, яъне Мовароуннаҳру Хуросон, дар қарни темурӣ, муҳим аст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, 2 бобу 6 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёт ва манобеъи истифодашуда иборат аст. Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ, сатҳи омӯзиш, тавсифи умумии кор (робитаи он бо барнома ва мавзӯҳои илмӣ), мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, доираи хронологӣ, асоси назариявӣ, пойгоҳи манбавӣ, навгониҳо, муқаррарот ва аҳамияти назариявиву амалии таҳқиқот оварда шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот аз анҷоми баррасӣ ва таҳлили манбаъшиносии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Клавихо ва муайян намудани аҳамияти он дар омӯзиши таърихи Мовароуннаҳр, Эрон ва Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва оғози асри XV иборат аст.

Нававарии илмии диссертатсия дар таҳқиқи маҷмӯии рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» бо ҷалби дигар манобеи таърихӣ ва адабиёти илмӣ ифода меёбад.

Дар маҷмуъ дисертатсияи унвонҷу Ҷонмуродов Ш. таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, матни зербобҳо бо номи онҳо комилан мувофиқ аст.

Мазмуни автореферати диссертатсия ва корҳои нашркардаи муаллиф ба таври комил нававарӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Ш. М. Ҷонмуродов дар "«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)»-и Руи Гонсалес Де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ" ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷуҳурии Тоҷикистон аз 26 – уми ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти пурра анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он Ш. М. Ҷонмуродов сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09- таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методи таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи умумӣ
ва ватании Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон (ДСРТ) Пирумшоев М.Ҳ.

24 сентябри 2021 с.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. М.Турсунзода 30, Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон.
тел.: + 992 935277737;
E-mail: munir.85@mail.ru

Тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДСРТ Раҳимов А.А.